ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ
ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД

# СУХАНШИНОСОНИ ҶАВОН

(Маҷмӯаи мақолаҳо)

*Бо қарори шӯрои илмӣ-
услубии Донишгоҳи давлатии
Самарқанд ба нашр тавсия шудааст.*

САМАРҚАНД - 2017

УЎК – 545
КБК – 24.171,5
С – 76

**Суханшиносони ҷавон.** Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. – Самарқанд: СамДУ, 2017, 98 с.

*Дар ин маҷмӯа қисме аз натиҷаҳои тадқиқоти ходимони калони илмӣ, магистрон ва донишҷӯёни кафедраи забон ва адабиёти тоҷик роҷеъ ба масъалаҳои муҳими филологияи тоҷик дар солҳои охир гирд оварда шудаанд.*

**Муҳаррири масъул:** **ҷонишини** ***декан оид ба*** **корҳои таълим**
**Ғайрат Раҳимқулов**

**Мукарризон:** ***д.ф.ф., проф. Ш.Ҳасанов***
*д.ф.ф., проф. Ҷ.Ҳамроев*
*н.ф.ф. дотс. А.Воҳидов.*

Маҷмӯаи мақолаҳо аз ҳисоби маблағи муаллифон нашр мегардад.

*©Донишгоҳи давлатии Самарқанд, 2017*

УЎК – 545
КБК – 24.171,5
С – 76

**Суханшиносони ҷавон.** Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. - Самарқанд: СамДУ, 2017, 98 с.

*Дар ин маҷмӯа қисме аз натиҷаҳои тадқиқоти ходимони калони илмӣ, магистрон ва донишҷӯёни кафедраи забон ва адабиёти тоҷик роҷеъ ба масъалаҳои муҳими филологияи тоҷик дар солҳои охир гирд оварда шудаанд.*

**Муҳаррири масъул:** **ҷонишин декан оид ба корҳои таълим Ғайрат Раҳимқулов**

**Муқарризон:** ***д.ф.ф., проф. Ш.Ҳасанов***
***д.ф.ф., проф. Ҷ.Ҳамроев***
***н.ф.ф. дотс. А.Воҳидов.***

Маҷмӯаи мақолаҳо аз ҳисоби маблағи муаллифон нашр мегардад.

*©Донишгоҳи давлатии Самарқанд, 2017*

қобили зиндагӣ, роҳбарӣ ва мавриди назари соҳибмаърифатон бошад.

**Фехрасти адабиёт:**


1. Абдуллоев А., Саъдиев С. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва авали асри XII. –Душанбе: Дониш, 1986.
2. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. –Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1957.
3. Таърихи адабиёти тоҷик. Х.Мирзозода. Душанбе. Маориф. 1987.
4. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. –Душанбе: Маориф, 1987.
5. Шоира Холиқзода. Абӯшакурӣ Балхӣ ва осори ӯ.
6. Сафо З. Таърихи адабиёти Эрон. Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов, Абдушукури Абдусаттор. –Душанбе: Интишороти байналмиллалии «Алхудо» -Тоҷикистон, 2001.
7. www. poeti. biz.
8. http:llwikipedia.orq/Abo'shakuri Balxiy. –mavzo ipqlum.
9. Адабиёти тоҷик. –tg. Wikipedia.org/wiki…
10. Сайти интернет: Google – "Ofarinnoma va uning xususiyatlari".


**Роҳбари илмӣ: проф. Ҷ.Ҳамроев**


**Магистр Марҷина Каримова**


## *НАЗАРЕ БА ФАРҲАНГИ "ТӮҲФАТ-УЛ АҲБОБ" –И ҲОФИЗИ ӮБАҲӢ*

Соли 1928 дар маҷаллаи № 1 -2 "Роҳбари Дониш" проф. Фитрат мақолае чоп кунонида дар бораи таърихи таълиф ва аҳамияти ин асар сухан меронад. Ва ин асарро маҳсули давраи ҳукумронии Абдулатиф- писари Улуғбек медонад. Фитрат хусусияти байтҳои ба тариқи мисол овардашударо қайд намуда, аз ҷумла аз рӯи вазни байтҳои дар луғат ҷогирифтаи устод Рӯдакӣ ба хулосае меояд, ки сардафтари назми классикии тоҷик устод Рӯдакӣ соҳиби чанд насхаи

гуногун будааст. Фитрат аҳамияти ин луғатро барои таткиқи соҳаи забон ва адабиёти тоҷик қайд мекунад ва изҳори орзу менамояд, ки ин асар аз чоп баровард шавад.

Соли 1954 А. К. Арендс дар бораи луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ бо мақолаи нисбатан калоне баромад мекунад. Вай дар натиҷаи кофтукоб дар китобхонаҳои гуногун мавҷуд будани якчанд нусхаҳои ин луғатро муқаррар кардааст. Қисми зиёди мақолаи А. К. Арендс дар бораи замони зиндагии соҳиби асар ва муайян намудани соли таълифи ин луғат баҳс мекунад. А. К. Арендс ба маълумотҳои "Тазкират- ул- аҳбоб" ё "Музаккир- ул- аҳбоб"-и Ҳасани Нисорӣ, "Бадоеъ-ул вақоеъ"-и Зайниддин Восифӣ ва тарҷумаи "Маҷолис –ун нафоис" такя карда ба хулосае меояд, ки Ҳофизи Ӯбаҳӣ асарашро ба Абдулатифи Шайбонӣ, ки солҳои 1530-1556 дар Мовароунаҳр ҳукмронӣ мекард, бахшидааст.

Ба фикри А. К. Арендс қимати асар дар шарҳи калимаҳои қадимаи ашъори шоирон набуда, балки дар он материалҳои лексикие мебошад, ки муаллиф аз лаҳҷа ва забонҳои зиндаи замонаш ҷамъ намуда, дар асараш ҷо додааст.

Луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ дар нимаи аввали асри XVI навишта шудааст. Муаллиф мақсади худро дар муқаддимаи асар чунин баён кардааст:"Бар забоноварони сухансоз ва дақиқашиносони нуктапардоз пӯшида ва махфӣ нест, ки бинои муаллафоти салаф бар луғоти қадимаи фурс аст, ки ба сабаби мурури айём ва тағйири алсинаи хос ва авом мастур ва маҳҷуб монда ва лиҳозо абнои рӯзгор ва суханварони фазилатшиор аз мутолиаи он чандон ҷаззу насибе надоранд. Лоҷарам назари илтифотро ба саҳафоти он таълифот намегуморанд ва онҳоро аз ҷумлаи мансухот ва матрукот мешуморанд. Бинобар он бандаи раҷӣ Ҳофизи Ӯбаҳӣ дар боби тасҳеҳ ва тавзеҳи он рисолаи мухтасаре тартиб дод ва уқдаҳои онро ба банони баён кушод..."[15]

Мутаассифона соҳиби луғат аз сарчашмаҳои луғавии худ ҳарфе намезанад, ҳатто ягон фарҳанги каму беш маълум ё аз

---

[15] Ҳофизи Ӯбаҳӣ. "Тӯхфат-ул ахбоб". Ҳозиркунандаи нашр... Ҳафиз Рауфзода. –Душанбе: Ирфон, 1992, с.4

назар пинҳонмондаро , ки барои асари ӯ мавриди истифода қарор гирифта бошад, номбар намекунад. Дар муқаддимаи луғат ба сабаби таълифи асар, ки ҳамчун анъана муаллифон одатан аз он ёдовар мешуданд, ишорае ба назар намерасад. Ин ҳол аз муносибати ҷиддӣ ва каму беш интиқодии муаллиф, яъне соҳиби фарҳанг гувоҳӣ намедиҳад, балки амали ӯро шуғли як нафар ҳаваскоре падидор месозад, ки дар байни корҳои дигари касбии худ ин гуна як кори пурмашаққати масъулиятталаб даст задааст.

Чи тавре, ки мушоҳида мешавад, асрҳои Х11 ва XIII дар фарҳангнависӣ гӯё як фосилаест, ки дар ин давра ягон асари луғавии каму беш назаррасе барои аҳли илм манзур нашудааст. Дар ин замон баъзе фарҳангҳои арабӣ ба форсӣ тавлид меёбанд, ки ба навъе ин холигиро пурра месозанд.

Ба ҳар ҳол то ба замони Ҳофизи Ӯбаҳӣ аз асарҳои луғавӣ чанд фарҳангро аз қабили “Луғати фурс”, “Сиҳоҳ- ул фурс”, “Меъёри амолӣ” ва ғайра ёддошт намудан мумкин аст. Ба таври қатъӣ гуфта метавон, ки дар дасти Ҳофизи Ӯбаҳӣ аз ин қабил асарҳои луғавӣ чанд нусхае мавҷуд буда, ки барои сохт ва тарзу усули фарҳанги ӯ ҳамчун намуна хидмати сазоворе ба ҷо овардааст.

Пеш аз ҳама луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ бо ҷобаҷогузории маводи луғавӣ фарқ мекунад. Агар “Луғати фурс” мувофиқи тартиби алифбо аз рӯи ҳарфи охирини калимаҳо тартиб ёфта бошад, луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ бо тартиби ҳарфҳои аввалу охир сохта шудааст. Фарҳанги Ӯбаҳӣ аз бист боб иборат аст.

Дар сохт, тарзҳои тафсири маъно, додани мисолҳо ва ғайра принсипҳои анъанавии луғатсозӣ риоя шудааст.

Тарзи талаффузи калимаҳои тафсиршаванда дар луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ на бо шарҳи муфассали сохти калимаҳо ва на бо андозаи калимаҳои ҳамвазн, балки бо гузаштани ҳаракатҳои ҳарфҳо (аломатҳои диакритикӣ) муайян карда мешавад.

Баъзан тарзи талаффуз бо номбар кардани ҳаракати ҳарф таъкид мешавад, масалан, Туғрил- ба касри “ро” –номи подшоҳест, туғрул – ба замми “ро” – номи мурғест шикорӣ.

Агар калима сермаъно бошад, миқдори маънои калима низ таъкид мешавад: тир- ҳашт маънӣ дорад; хуш- ба се маънӣ аст.

Дар таҳияи "Тӯҳфат-ул аҳбоб"-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ таъсири "Луғати фурс"-и Асадии Тӯсӣ ниҳоят калон аст, ки он татқиқоти алоҳидаро мехоҳад. Аз тарафи дигар ҳозиркунандагони нашри луғат Ҳ. Рауфзода дар хусус батафсил низ сухан рондааст. Бинобар ин мавзӯи кори дигар аст.

Аз луғат чанд мисол меорем:

**нуса- қавси қусаҳ бувад, яъне камони Рустам, ки дар баҳорон намояд.** Хусравонӣ гӯяд:

Аз бод кишт бинӣ чун оби мавҷ-мавҷ,
В-аз нусха абр бинӣ чун љузъ ранг-ранг.

нуғшо- мазҳабест дар кеши габрони шомӣ. Шоир гӯяд:

Таъвил кард аз эзид он мубдаи нуғушо,
Аз Зардидушт гӯяд устои пеш доро.
Боз омаданду гуфтанд аз умматони Мӯсо,
К- эзид буд он ва Мӯсо бар кӯҳи тӯри Сино.

**окиҳ- қуллобе бувад оҳанин, ки фуқоиён бар сари чӯб банданед ва бар он ях дар яхдон андозанд ё берун оранд ва баъзе гуфтаанд чӯбест оҳане бар сари он, ки мардро дар вақти корзор ва ҳарб ба љониби худ кашанд.** Унсурӣ гӯяд:

Биҳустанд тороҷу зиштеҳро,
Ба окиҳ гирифтанд киштешро.

ованг- ба маънии овехтан ва гирифторӣ бошад. Шоир гӯяд:

Ҷонам чу ба дори ҳаҷрат ованг шавад,
Саҳрои чаҳон ба дили ман танг шавад.

**ованд- кӯзаи об бувад, ва ба маънии бурҳон низ омадааст.** Фирдавсӣ гӯяд:

Чунин гуфт бо паҳлавон Золи Зар,
Чи ованд хоҳӣ ба теғам нигар.

Таҳлили лексикографӣ ва муайян намудани қабатҳои лексикии фарҳанги Ҳофизи Ӯбаҳӣ "Тӯҳфат-ул аҳбоб" кори

ōянда мебошад. Дар фарҳанг бисёр калимаҳои забони тоҷикӣ шарҳ ёфтаанд, ки он метавонад таркиби луғавии забони адабии имрӯзаро боз ҳам ғанитар гардонад.

**Феҳрасти адабиёт:**


1. Ҳофизи Ӯбаҳӣ. "Тӯхфат-ул аҳбоб". Ҳозиркунандаи нашр... Ҳафиз Рауфзода. -Душанбе: Ирфон, 1992, с.4
2. Воҳидов А. Аз таърихи луғатнависии тоҷику форс. – Самарқанд ,1980.
3. Раувоф Ҳ. "Фарҳанги ҷаҳонгирӣ" ҳамчун сарчашмаи лексигокрафияи тоҷик, форс.-Душанбе, 1973.
4. Воҳидов А. "Ғиёс –ул -луғот"-и Муҳаммад Ғиёсиддин ва мавқеи он дар таърихи луғатнависии тоҷикӣ- форсӣ. – Самарқанд, 2013.


**Роҳбари илмӣ: проф.А.Воҳидов.**


**Донишҷӯ Шокиров Раҳматулло**


## *ФОРИШ-ПОРАШТ, Ё ПАРИЖ?*

Ноҳияи Фориш 9 уми феврали соли 1935 дар таркиби вилояти Самарқанд ташкил шудааст. Баъдан соли 1962 ба таркиби ноҳияҳои Нурато ва Чиззах ҳамроҳ карда мешавад. Соли 1964 бошад, боз аз нав дар таркиби вилояти Сирдарё ташкил шудааст. Баъд аз ташкил шудани вилояти Чиззах (28 уми декабри соли 1973) соли 1974 ба таркиби он дохил шудааст.

Он аз сӯи шимол ва шимолӣ-шарқӣ бо Республикаи Қазоқистон, аз тарафи шарқ бо ноҳияҳои Чиззах, Зафаробод, Арнасой, Дӯстлик, Мирзочӯл, аз ҷануб бо ноҳияи Ғаллаарал, аз ғарб бо ноҳияҳои Қӯшработ ва Нуратои вилоятҳои Самарқанду Навой ҳамсарҳад аст. Майдонаш 9,53 ҳазор км$^2$ буда, қариб 50 фоизи ҳудуди вилоятро дар бар мегирад. Ноҳия аз ҷануб, асосан, бо қаторкӯҳҳои Нурато иҳота шудааст.

Аҳолиаш 80,9 ҳазор касро ташкил медиҳад. Аз он 76,6% ӯзбекҳо, 11,9% қазоқон, 10,6% тоҷикон ва 0,9% вакилони миллатҳои дигаранд. Аҳолӣ асосан бо чорводорӣ ва боғдорӣ шуғл меварзад. Маркази маъмуриаш – шаҳарчаи Боғдон. Дар

МУНДАРИЧА

1. Чўраев Ш. Калимасозӣ ба воситаи компоненти “сар”..........3

2. Тўрақулов А. Ташаккул ва ривоҷи жанри шаҳрошўб дар назми тоҷикии асрҳои XI- XII........................................ 11

3. Ҳайдарова М. “Бурҳони қотеъ”-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон– яке аз сарчашмаҳои воҳидҳои фразеологӣ.................24

4. Алимуродов Ю. Жанрҳои нави шеърӣ дар адабиёти бачагонаи форсизабон..........................................................31

5. Эгамбердиева С. Тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави мубтадо.....................................................................................39

6. Тинчликова Н. Форобийнинг „Риторика” асарида нотиқлик санъати ҳақидаги қарашлари.........................................45

7. Розикова М. Тамоюлоти таҷдид ва таҳаввули жанри ҳикоя дар нимаи дуввуми асри XIX ва ибтидои асри XX дар адабиёти тоҷик...............................................................................................50

8. Ҷонмуҳаммадов К. Чанд мулоҳизаҳо оиди маҷмўаи “Як қалам рўшноӣ”-и Дилшоди Фарҳодзод.......................................56

9. Норқулов А. Мавқеи ҷамъбандии исмҳо дар ашъори Ҷаъфар Муҳаммад.............................................................................64

10. Артиқов Ч. Қайди ибтидоии этималогӣ дар фарҳангҳои қадима.......................................................................................69

11. Ҷумъазода М. Масъалаи панду ахлоқ дар маснавии «Офариннома»-и Абўшакури Балхӣ.......................................72

12. Каримова М. Назаре ба фарҳанги “Тўҳфат-ул-аҳбоб”-и Ҳофизи Ўбаҳӣ......................................................................................79

13. Шокиров Р. Фориш – Порашт, ё Париж?...............................83

14. Қўчқоров Ҳ. Мусаммот ва хусусиятҳои жанрии он............89